# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТӢ

Шӯрои диссертатсионии 6Д КОА-046 назди МДТ Донишгоҳи давлатии Хуҷандд ба номи академик Б.Ғафуров вобаста ба қабули диссертатсияи Зарифов Насрулло Махмадуллоевич дар мавзӯи “Тарбияи ҳарбӣ ва ватандӯстии мутахассисони оянда дар раванди ташаккули худшиносии миллӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08- Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ, (13.00.08.04- назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ)

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати 3 нафар тасдиқ шуд:

1. Исломов Озод Азимович – доктори илмҳои педагогӣ, профессор 13.00.02- назария ва методикаи омӯзиши парвариш- раиси комиссия.

2. Олов Саидмаҳмад – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, узви комиссия.

3. Камолова Муаззам Файзуллоевна - номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, узви комиссия.

Комиссияи ташхисии диссертатсияи ЗАРИФОВ Насрулло Махмадуллоевичро дар мавзӯи “*Тарбияи ҳарбӣ ва ватандӯстии мутахассисони оянда дар раванди ташаккули худшиносии миллӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ*” омӯхта, мавриди баррасӣ қарор дод ва ҳисоб мекунад, ки он кори ба итмомрасидаи илмӣ тахассусӣ буда аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи баланди илмӣ анҷом дода шудааст. Таҳқиқот ба ҳадафҳои стратегии мамлакат роҷеъ ба мувофиқ гардонидани натиҷаҳои илмҳои бунёдӣ, дақиқ, техникӣ ва экспериментали ба воқеияти объективӣ созгор мебошад.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар 8 интишороти муаллифӣ инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 4 тояш дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳад ва 2-тои дигараш бошанд дар мақолаҳои конференсияҳои илмӣ-ҷумҳуриявӣ чоп шудааст.

Ҳадафи асосии тадқиқоти диссертатсионӣ ин ҷиҳати назариявию амалӣ муайян намудани тарбияи ҳарбӣ ва ватандӯстии мутахассисони оянда дар раванди ташаккули худшиносии миллӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ мебошад.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ин натиҷаҳои илмии бадастомада бо истифодаи методикаи маҷмӯии таҳқиқот, ки дар корҳои муаллиф асос ёфтааст, бо мавзӯъ ва вазифаҳои таҳқиқот алоқаманд мебошад, таъмин карда шудаанд.

Мутобиқати мавзӯи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, мавзӯъ ва мазмуни диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.08 "Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ" , 13.00.08.04- назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ мутобиқат мекунад.

Саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқот ин таҳия, коркард ва таҳлили ҳамаҷонибаи мавзӯи таҳқиқи диссертатсионӣ маҳсули фаъолияти чандинсолаи муаллиф мебошад ва ӯ дар ҳамаи марҳалаҳои таҳқиқот иштироки бевосита намуда, натиҷаҳои таҳқиқоти мазкурро мустақилона ҷамъбаст кардааст.

Аз ин ҷиҳат дар диссертатсия масъалаҳои зерин мавриди баррасӣ қарор дода шудааст:

1. Зимни таҳлили адабиётҳои педагогӣ ва психологӣ муаймян намудани моҳият ва мазмуни ғояҳои ватандӯстӣ ҳамчун қувваи пешбарандаи ҷомеа ва давлат, ҳамчун падидаи иҷтимоӣ-сиёсӣ ва маънавӣ

2. Пешниҳод намудани фанҳои иҷтимоӣ-гуманитарӣ дар ҳалли як қатор вазифаҳои гузошташуда, аз ҷумла тарбияи ҳарбӣ- ватандӯстии донишҷӯёнро ба инобат гирифтан як қатор унсурҳо мувофиқи мақсад аст.

3. Тарбияи ҳарбӣ- ватандӯстӣ бояд нақши муҳими раванди тарбия бошад, ки ба ташаккули мавқеи устувори шаҳрвандӣ, эътиқоди ахлоқӣ, ватандӯстии мутахассисони оянда равона гардида бошад.

4. Шакл ва методҳои амалинамоии тарбияи ҳарбӣ- ватандӯстӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ бояд бо ҳуҷҷатҳои умумии меъёрӣ, инчунин

анъанаҳои педагогӣ ва хусусиятҳои синнусолии донишҷӯён алоқаманд бошад.

5. Кафедраҳои ҳарбӣ яке аз марказҳои муҳими тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба ҳисоб равад.

## ХУЛОСА :

Диссертатсияи Зарифов Насрулло Махмадуллоевич дар мавзӯи "Тарбияи ҳарбӣ ва ватандӯстии мутахассисони оянда дар раванди ташаккули худшиносии миллӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08- Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ, (13.00.08.04- назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) ба ҳимоя қабул кардан мумкин аст.

## ҚАРОРИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТӢ:

1. Мавзӯъ ва мазмуни диссертатсия ба пуррагӣ ҷавобгӯи ихтисоси 13.00.08- Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ, (13.00.08.04- назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) ва самти шӯрои диссерттатсионии 6Д КОА-046 мебошад.

2. Мазмуну мундариҷаи диссертатсия фарогирии бандҳои 4,5,6,15,18,19,21,28,29-и шиносномаи ихтисоси назария ва методикаи омӯзишу парвариш мебошад.

3. Микдор ва сифат дар маҷаллаҳои такризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаи довталаб ба талаботи "Низомномаи муассисаи давлвтии "Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон", низомномаи намунавӣ оид ба шурои диссертатсионӣ" ва меъёрҳои "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор)", (карори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-июни соли 2021, таҳти №267) пурра ҷавобгӯ мебошад.

4. Пешниҳод мешавад, ки муассисаи муқарризи диссертатсия Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон муайян карда шавад.

5. Пешниҳод мегардад, ки муқарризони расмии диссертатсия Давлатзода Ҷамила – доктори илмҳои педагогӣ, дотсент, директори коллеҷи омӯзгории шаҳри Ҳисор ва Намозов Тошгул- номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва мудофиаи шаҳрвандии МДТ “Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ” муайян карда шаванд.

6. Барои дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров гузоштани эълон оид ба ҳимоя ва матни диссертатсия ва автореферат иҷозат дода шавад.

7. Ба нашр ва паҳнкунии автореферат иҷозат дода шавад.

Раиси комиссия, д.и.п., профессор Исломов О.А.

Узви комиссия, н.и.п., дотсент Олов С.

Узви комиссия, н.и.п., дотсент Камолова М.Ф.

Имзоҳои д.и.п., профессор Исломов О.А., н.и.п., дотсент Олов С., н.и.п., дотсент Камолова М.Ф-ро тасдиқ менамоем:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров” Наврӯзов Э.М.